Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA- 018-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

18-уми декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида, 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар, бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид ва санаи мазкур рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ ва шиддат гирифтани вазъи минтақаву ҷаҳон қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ рисолати фарзандиву шаҳрвандии худро ба таври шоиста адо мекарданд.

Воқеан, Муминзода М.Н.тавонистааст, ки вазифаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро таҳлилу баррасӣ карда, уҳдадории ҳарбиро аз ҷанбаҳои гуногуни таърихӣ-ҳуқуқӣ ба риштаи таҳрир кашидааст. Мавзуи ин диссертатсияро бо назардошти навгонӣ ва аҳаммияти илмӣ-амалӣ метавон саҳифаи наве дар ҳуқуқшиносии тоҷик шуморид.

Дар асоси гуфтаҳои боло автореферати Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи “Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ” мубрам ва саривақтӣ буда, ба ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат вобаста ба нақша мазмун ва усули навишт мутобиқат мекунад.

Автореферат аз сарсухан оғоз ёфта, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, объект, вазифаҳо ва методҳои омӯзишро дар бар мегирад.

Диссертатсия аз 2 боб ва 7 зербоб иборат мебошад, ки дар ҳар як зербоб масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, робитаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва масоили муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ аз ҷониби муаллиф

таҳлил гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф натиҷаи таҳлили мавзуи диссертатсионӣ буда, он дар асоси истифодаи зиёда аз 200 маводи илмӣ ба даст омадааст, ки арзиши илмии рисоларо боз ҳам баланд мекунад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Аз ҷониби диссертант дар дар зербоби 4 боби 2 таъсири ватандӯстӣ ба иҷрои уҳдадории ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо ба таври мушаххас унвонҷӯ роҷеъ ба масъалаи пажуҳишгардида пешниҳоди амалие накардааст.

2. Дар диссертатсия баъзе хатоиҳои имлоӣ-техникӣ ба назар мерасад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш надода, мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд. Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Шарифзода Т.

Имзои Шарифзода Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.
16.09.2024

Суроға: (992) 227-30-75 Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Email: info@ddmit.tj